**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ, д.и.т.,
профессор Ибодуллозода А. И.
______________________
«____» ___09___ соли 2024

# ХУЛОСАИ
## ҷаласаи васеи кафедраи психологияи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Диссертатсияи докторант аз рӯи ихтисос (PhD) Маҷидов Парвизҷон Имомназарович дар мавзуи «Истифодаи шароитҳои психологӣ–педагогӣ дар инкишофи муошрати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим» дар кафедраи психологияи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ иҷро шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи психологияи умумидонишгоҳии назди факултети психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расидааст.

Маҷидов Парвизҷон Имомназарович соли 2012 факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айниро хатм карда, дорандаи дипломи дараҷаи бакалаврӣ аз рӯйи ихтисоси “Забоншинос, тарҷумони забони англисӣ” мебошад.

Соли 2014 зинаи магистратураи донишгоҳи мазкурро аз рӯи ихтисоси «Геоинформатика» ба итмом расонида, соҳиби дипломи дараҷаи магистр гардидааст.

Номбурда соли 2019 ба ҳайси докторант аз рӯи ихтисос (PhD), ихтисоси 6D050300-Психология (6D050307-Психологияи педагогӣ) ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул шуда, мавзуи илмиро дар ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳ №9/6.2, аз 31.03.2021 тасдиқ намудааст.

Роҳбари илмии Маҷидов Парвизҷон Имомназарович–Дадобоева Мадина Солибоевна, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психологияи умумӣ ва педагогии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мебошад.

Ҷаласа баъди баррасии муфассали диссертатсияи докторант аз рӯи ихтисос (PhD) Маҷидов Парвизҷон Имомназарович ба хулосаи зерин расид:

Диссертатсияи Маҷидов Парвизҷон дар мавзуи: «Истифодаи шароитҳои психологӣ–педагогӣ дар инкишофи муошırати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим» таҳқиқоти мукаммали интиҳоёфтаи илмиест, ки дорои аҳаммияти назарию амалӣ ва навгониҳои назарраси илмӣ мебошад.

Диссертант дар таҳияи рисолаи илмии худ оид ба муҳтавои илмии он қайд намудааст, ки вобаста ба хусусияти хоси ҳар як давраи омӯзиш, ташаккул ва рушди муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ басо аз масъалаҳои мубрами пажуҳишӣ ба ҳисоб меравад. Ӯ муоширати хонандагон ва заминаҳои моддӣ, фазоиву вақтиро аз усулҳои мубрами дақиқи омӯзишӣ арзёбӣ намудааст ва вазифаҳои нав ва баъзан бағоят мураккабро низ дархурди масъалаҳои баҳсноки илмӣ мешуморад.

Муҳаққиқи рисолаи илмӣ дар шарафёбии ҳалли масоили баҳсталаб ҷиҳати дақиқшиносии руҳияи солими насли наврас, падарону модарон, муҳити таъсиррасони оилаводагӣ ва дар навбати баъдӣ кӯдакистонҳо, мактабу маорифро вазифадор мешуморад.

Бинобар ин, замони муосир, ки аз давраҳои қаблии таърихи инсоният бо хусусияти фарогирию ҷаҳонишавии фарҳангу маориф ва фазои иттилоотӣ тафовут дорад, аҳаммияти пажуҳиш, таҳқиқ ва дарёфти тарзу усулҳои наву такмилёфта ва самаранокии таъсиррасонӣ ба шууру андешаи мардум, махсусан, руҳияи солими насли наврасро ногузир месозад, ки дар ин самт оила ва низоми тарбияи оилавӣ низ берун аз истисно намебошанд.

Дар раванди тарбияи насли наврас бояд афкору андеша ва таълимоту консепсияҳои педагогие мавриди истифода қарор гиранд, ки пайванди маънавию ахлоқии наслҳоро гусаста насозанд, дорои моҳияти миллӣ ва дар баробари ин бо арзишҳои умумибашарӣ робитаи амиқи таърихӣ ва омезиши қавӣ дошта бошанд.

Мавриди зикр аст, ки ғояҳои таҳқиқи саривақтии муоширати психологӣ, ки аз ҷониби муҳаққиқони хориҷӣ то андозаи мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтааст, мутаассифона то имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷуз дар таҳқиқи рисолаи мазкур дигар дар ҳеҷ сарчашмаи илмӣ ба таври кофӣ маълумот дода нашудааст. Оид ба масъалаҳои омӯзиши масоили таҳқиқӣ ҳаминро дар кори илмии Маҷидов Парвизҷон мушоҳида намудан мумкин аст, ки ӯ проблемаҳои мавҷударо дар раванди таҳқиқоти рисолаи худ мавриди омӯзиш қарор

додаву инчунин, ҷиҳати баррасии он низ таснифоти таҷрибавӣ гузаронидааст.

Рисолаи мазкур метавонад, ки ба ҳалли масъалаҳои ҳалталаби муошитати психологӣ дар такя ба таҷрибаву таҳқиқоти практикуми пажуҳишӣ посуххои мусбӣ диҳад. Муҳаққиқ доир ба намудҳои муошират, вайроншавии мароми муназзами он аз ҷониби таъсиррасон, мукаммалгардонии фазои солими руҳӣ, фароҳамоварии шароити он маълумотҳои дақиқу назаррасро дар фаслу бобҳои ҷудогани диссертатсия намунаоварӣ намудааст. Ин таҳқиқоти ӯ дар риштаи соҳаи равоншиносӣ нақши басо бориз гузоштааст. Ӯ масоили илмиеро, ки то имрӯз ба таври мушаххас ва мукаммал мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор нагирифта буд, то ҳадди тавон мавриди пажуҳиши худ қарор додааст, вале дар баробари паҳлуҳои мусбии таҳқиқотии рисолаи мазкур ҳанӯз ҳам ба таври мукаммал даврабандӣ ва таснифот нагардиддааст. Доир ба ин масъала, худи муҳаққиқ ҳам барои минбаъд омӯхтани ҷанбаҳои он тасмимгириҳо намудааст.

То ин муддати тулонӣ масъалаҳои дигари омӯхташавандаи мавзуи муошитати психологӣ аз чи бошад, ки мавриди омӯзиши солҳои охир қарор нагирифта буданд.

Бо назардошти андешаҳои мазкур таърихи ташаккул ва рушди омӯзиши муошитати психологӣ дар ҷомеа, алалхусус хонандагони синни хурди мактабӣ (7-10-сола) бояд ҷойгоҳи махсуси худро дошта бошад, ки он ба таҳқиқи ҳамаҷониба ва асосноки илмӣ эҳтиёҷ дорад.

Мавзуи таҳқиқотии Маҷидов Парвизҷон як бахши муҳимми нақшаи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи психологияи умумидонишгоҳии назди факултети психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ маҳсуб меёбад.

Муносибати ҷиддӣ ва таваҷҷуҳи мӯйшикофонаи докторант аз рӯи ихтисос (PhD) нисбат ба мавзуи таҳқиқшаванда имкон додааст, ки ӯ диссертатсияро дар меҳвари талабот ва меъёрҳои тасдиқгардида, мувофиқи шиносномаи ихтисоси 6D050300-Психология (6D050307-Психологияи педагогӣ) таҳия намояд. Зеро тарҳрезии мақсадноки нақшаи сохтории диссертатсия ва хулосаву натиҷаҳои аз таҳлилу озмоишҳои бадастомада баёнгар ва далели ин гуфтаҳо мебошанд.

Афзун бар ин, диссертатсия дар заминаи омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи асарҳои появии равоншиносӣ ва сарчашмаҳои асили осори давраи мавриди назар ва дигар рисолаҳои таҳқиқӣ навишта шудааст, ки ин амр аз истиқлоли фикрӣ ва маърифати илмии докторант дақиқан дарак медиҳад.

Дар диссертатсия докторант асосҳои назариявӣ ва методологии мавзуъро хуб муайян намуда, аз ҷумла, бо роҳи таҳлили мафҳумҳои «арзишҳои муоширати психологӣ», «унсурҳои фароҳамоварии шароити муоширати психологӣ» ва ғайраро мавриди таҳқиқу таҳлил қарор додааст. Инчунин, бо равишҳои илмӣ паҳлуҳои таҳияи намунаи ташаккули арзишҳои омӯзиши масъалаҳо дар замони муосир, ки ба инкишофи муоширати психологии кӯдакони синни хурди мактабӣ сахт мутааликанд, мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст.

Нуқтаҳои асосӣ, хулосаву натиҷаҳои бадастомада ва тавсияҳои пешниҳодгардида таъйид мекунанд, ки доир ба сарчашмаҳои муҳим ва нодир дар ташаккул ва рушди муоширати психологӣ бояд замимаҳои таҳқиқотӣ гузошт.

Ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии навоварии кор дар он зоҳир магарданд, ки хулосаву пешниҳоди илмии диссертатсия барои дар сатҳи зарурӣ ташкил намудани шароитҳо ҷиҳати омӯзиши муоширати психологӣ ва аз байн бурдани омилҳои манфии таъсиррасон, ташкили фазои мусбии тағйирдиҳанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мансубият дорад.

Дар баробари ин, муқаррароти назариявии таҳқиқот ва натиҷаву хулосаҳои он барои омӯзиши минбаъдаи мушкилоти бағоят муҳимми иҷтимоии ҷомеаи муосири тоҷик - ташаккули арзишҳои муошират, бунёд ва заминагузор мегардад.

Дар натиҷа, ғояҳои асосӣ, хулоса ва тавсияву пешниҳоди таҳқиқотро мутахассисон, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, падару модарон дар фаъолияти таълимию тарбиявӣ, инчунин муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши соҳаи мазкур машғуланд, дар раванди пажуҳишҳои оянда истифода бурда метавонанд.

**Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои аз тадқиқот ҳосилшуда:**

Мутобиқ ба ҳадафу вазифаҳои мавзуи таҳқиқ истифода бурдани муоширати психологӣ, шинохт ва дараҷаҳои омӯзиши он, ки дар осори илмии муҳаққиқони барҷастаи олимони хориҷӣ аз қабили, М.И. Лисина, Зигмунд Фрейд инъикос ёфтаанд, бо амиқӣ ва мукаммалии ҳаҷми маводи илмии мавриди таҳлилу арзёбӣ, ки ба пояи комёбиҳои илми муосир устуворанд, муайян карда мешавад; ҳамзамон бо асоснокии муътамади назариявӣ-методологии ғояи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, мубрамияти ҳадафу вазифаҳо ва мутобиқ ба онҳо интихоб гардидани маҷмуи методҳои илмӣ; давомнокии боварибахши таҳқиқот, имкони гузаронидани озмоишҳои пайдарпай назоратии натиҷаҳои таҳқиқот, таҳлили шуморавию сифатии арзиши илмию омории маълумоти

мавриди таҳқиқ, дар раванди фаъолияти амалӣ ва таълимӣ ҷорӣ гардидани маслиҳату тавсияҳои ироашуда, мушоҳидаҳои психологӣ ва таҷрибаи амалии касбии муаллиф таъмин мегардад.

Хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқоти докторант Маҷидов Парвизҷон ба асноди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи омори давлатӣ, натиҷаи таҳқиқоти психологӣ, инчунин маводи чорабиниҳои илмӣ бахшида ба мавзуи таҳқиқот такя мекунанд. Тавсияҳои психологии дар диссертатсия пешниҳодгардида, арзиши баланди илмӣ-назариявӣ дошта, дар раванди фаъолияти пажуҳиши муаллиф ба ҳайси омӯзгори Донишгоҳ ва таҷрибаандӯхтаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ комилан амалӣ гардидааст.

**Муҳиммияти ҷанбаи назариявию амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки доираи тасаввуроти назариявиро оид ба моҳияти аслии арзишҳои психологӣ, ки бо арзишҳои умумибашарӣ ва этнофарҳангӣ тавъам мебошанд, васеъ мегардонад. Ҳамчунин соҳаи равоншиноси халқи тоҷик бо маҳзани илмии наву муосир ва амсилаи комилан ҷадиди «Истифодаи шароитҳои психологӣ–педагогӣ дар инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим» ғанӣ мегардад.

**Арзиши диссертатсия:** моҳият ва зарурати омӯзиши истифодаи шароитҳои психологӣ–педагогӣ, раванди инкишофи муоширати он дар байни хонандагони синни хурди мактабӣ ва таҳлили илмии осори олимони бурунмарзӣ моҳияти психологии мушаххас гардонии уҳдадориҳои падару модар дар самти таълиму тарбияи фарзандон ва ташаккули арзишҳои нави одоби муошират муқаррар карда шудааст; роҳу восита ва шароитҳои беҳтаргардонии татбиқи ғояҳои арзишманди омӯзиши психологӣ; аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот барои ташаккули арзишҳо дар замони шароити ҷаҳонишавии фарҳанг ва таҳсилот, таҳдиди пайомадҳои буҳрони демографии ҷаҳони муосир муайян карда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот ва мундариҷаи асосии рисолаи илмӣ дар мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳои илмии муаллиф пурра инъикос гардида, дар ҷаласаҳои кафедраи умумидонишгоҳии психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ дар шакли маърузаи илмӣ пешниҳод ва муҳокима гардидаанд.

Вобаста ба мавзуи таҳқиқот 13 номгӯйи маводи чопӣ, аз ҷумла 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд.

Мақолаҳои банашррасида ва автореферат ба диссертатсия пурра мувоффиқат мекунад.

## ФЕҲРИСТИ
## ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

**[1-М]** Маҷидов, П.И. Мавқеи муошират дар инкишофи психикии бачагони синни хурди мактабӣ аз нигоҳи М.И.Лисина / М.С. Дадобоева, П.И. Маҷидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.– 2022. – №6. – С. 217-222.

**[2-М]** Маҷидов, П.И. Омилҳои таъсиррасонанда ба ташаккул ва инкишофи муошарати кӯдакони синни хурди мактабӣ дар оила ва мактаб / П.И.Маҷидов // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – 2022. – № 2. – С. 5-10 (38)

**[3-М]** Маҷидов, П.И. Муносибат бо калонсолонро субъективӣ паси сар кардани кӯдак /П.И. Маҷидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – №4. –С. 275-294.

**[4-М]** Маҷидов, П.И. Муносибати волидайн бо фарзанд яке аз масъалаҳои асосии ташаккули муошират/ П.И. Маҷидов, М.С.Дадобоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –2023. – №3. – С. 297-304.

**[5-М]** Маҷидов, П.И. Омодагӣ ба мактаб- натиҷаи инкишофи психикии кӯдакони синни томактабӣ / П.И.Маҷидов // Паёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ. –2022. –№2. –С. 187-191.

**[6-М]** Маҷидов П.И. Тавсифи самтҳои калидии инкишофи психикии кӯдакони синни хурди мактабӣ аз нигоҳи олимони хориҷӣ / П.И. Маҷидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –2024. – №4. – С. 186-194.

### II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

**[7-М]** Маҷидов, П.И. Алоқаи муошırати байниҳамдигарии омӯзгор бо кӯдак /П.И. Маҷидов // Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030». – Душанбе, 2023. –С. 139-140.

**[8-М]** Маҷидов, П.И. Роҳҳои ислоҳи мушкилоти муошират дар хонандагони синни хурди мактабӣ /П.И. Маҷидов // Конференсияи илмӣ-

амалии байналмиллалии «Рушди забони давлатӣ дар партави гуфтугӯи фарҳангҳо». –Душанбе, 2022. –С. 240-242.

**[9-М]** Маҷидов, П.И. Услубҳои муошират пешниҳодшавандаи калонсолон нисбат ба кӯдакон дар оила ва мактаб /П.И. Маҷидов // Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, бахшида ба «Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон» ва амалигардонии «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистан барои давраи то соли 2030». – Душанбе, 2023. –С. 182-184.

**[10-М]** Маҷидов, П.И. Аҳамияти иҷтимошавии хонандагони синни хурди мактабӣ дар ташаккули шахсияти инсон /П.И. Маҷидов // Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, бахшида ба 90-солагии ДДОТ ба номи С.Айнӣ ва 50-солагии кафедраи забонҳои хориҷиии умумидонишгоҳии ДДОТ ба номи С. Айнӣ. –Душанбе, 2021. –С. 79-81.

**[11-М]** Маджидов, П.И. Роль общения в процессе учебной деятельности учащихся начальных классов /П.И. Маджидов // Международная научно-практическая конференция "Язык символ мировой цивилизации». –Душанбе, 2018. – С. 199-201.

**[12-М]** Маҷидов, П.И. Ташаккули ҷанбаи аввалини малакаҳои муошират/П.И. Маджидов/ Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ва методикаи ташаккули салоҳиятмандии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забонҳои хориҷӣ» бо мақсади амалӣ намудани «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030». –Душанбе, 2023 –С. 27-36.

**[13-М]** Маҷидов П.И. Омил ва сабабҳои таъсиррасонанда ба солимии психикии донишҷӯён / М.С. Дадобоева, П.И. Маҷидов // Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Нақши ниҳодҳои иҷтимоӣ дар таълимии солимии психологии насли ояндасоз».–Душанбе, 2022. –С. 186-188.

Аз натиҷаи баррасии пешакии таҳқиқоти диссертатсионии диссертант Маҷидов П.И. дар ҷаласаи кафедраи психологияи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ чунин

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Маҷидов П.И. дар мавзуи «Истифодаи шароитҳои психологӣ–педагогӣ дар инкишофи муошират хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300-Психология (6D050307-Психологияи педагогӣ) пешниҳод гардидааст, кори ба итмомрасидаи илмӣ ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ҷавобгӯ дониста шавад.

2. Диссертатсияи Маҷидов П.И. дар мавзуи «Истифодаи шароитҳои психологӣ–педагогӣ дар инкишофи муошırати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300-Психология (6D050307-Психологияи педагогӣ) бо назардошти ислоҳи камбудиҳои ошкоргардида, ба экспертизаи навбатӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-002-и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ пешниҳод карда шавад.

Ҷаласаи васеи кафедраи психологияи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ диссертатсияи Маҷидов Парвизҷон Имомназарович кори илмии баанҷомрасидаи мубраму муҳим ва пурмуҳтаво меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф гардидааст ва ба ҳамаи талаботҳои таълифи корҳои диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст.

Қарори мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи психологияи умумидонишгоҳӣ санаи 10-уми сентябри соли 2024 суратҷаласаи №2 қабул карда шуд.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 13 нафар.
Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 13 нафар, “муқобил” – нест,
“бетараф” – нест.

Раиси ҷаласа:
н.и.п, мудири кафедраи
психологияи умумидонишгоҳӣ: Олимов Тағойбек

Котиби ҷаласа: Муродова Ҳабиба

«Имзоҳои Т. Олимов ва Х. Муродоваро тасдиқ менамоям»

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода Абдукарим

**Нишонӣ**: 734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Донишгоҳи давлатии омӯзгорииТоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Тел.: +992 372251483
Сомона: www.tgpu.tj
10.09.2024